**Тақризи**

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи Шайдуллои Ҳоҷӣ дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маънoии истилоҳоти интернетӣ (дар асоси маводи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Ташаккул ва таҳаввули истилоҳоти нав, ба вижа, истилоҳоти интернетӣ дар замони муосир яке аз масъалаҳои мубрами илми забоншиносии компютерӣ маҳсуб ёфтааст ва дар ин асос пажуҳишҳои зиёди илмию амалӣ рӯйи кор омада истодаанд. Дар ин замина Омӯзиш ва пажуҳиши истилоҳоти мазкур яке аз масъалаҳои мубрами истилоҳшиносӣ ба ҳисоб рафта, як қабати лексикаи соҳавию касбии компютериро ташкил медиҳад, зеро ин низоми нав дар марҳилаи ташаккул ва таҳаввули пайдарпай қарор дорад.

Диссертатсияи Шайдуллои Ҳоҷӣ дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маънoии истилоҳоти интернетӣ (дар асоси маводи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, бо шиносномаи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ва муҳтавои он ба тартиби муқарраргардидаи таълифи диссертатсия мувофиқат мекунад, зеро вай ба таҳлили муқоисавии яке аз бахшҳои истилоҳшиносӣ бахшида шуда, дар илми забоншиносӣ саҳми арзанда мегузорад. Диссертатсияи мазкур аз осори илмии назариявӣ ва амалии мутахассисони соҳа асос гирифта, ба аҳаммияти илмии он таъсири мусбат расонидааст.

Гарчанде мавзуи мазкур, яъне масъалаи таҳлилу баррасии истилоҳоти интернетӣ дар доираи забонҳои англисию тоҷикӣ ва аҳаммияти омӯзишии он дар осори як қатор забоншиносони хориҷию ватанӣ, аз қабили Т. Шарипов, З.М. Мусоямов, П.Г. Нуров, Т.К. Ҷураев, Ҳ.А. Асламов, З. Ғаффуров, М.С. Шумайлова, О.А. Кармизова, Э.С. Карпов, О.Х. Касимов ва дигарон баррасӣ шуда бошад ҳам, масъалаи таҳлили низоми истилоҳоти интернетӣ аз лиҳозӣ сохтор ва маъно дар доираи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ҳанӯз мавриди таҳқиқоти махсуси илмӣ қарор нагирифтааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ дар он асос меёбад, ки истилоҳоти интернетӣ то имрӯз дар забоншиносии тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ мавриди таҳқиқи алоҳида ва ҳаматарафа қарор нагирифтааст.

Раванди воридшавӣ ба манбаъҳои интернетӣ, истифодаи луғоту истилоҳоти касбиву соҳавии зиёдеро талаб мекунад, ки донистани чунин истилоҳот на танҳо барои мутахассисони соҳа, балки ба ҳар фарди

интернетро истифодабаранда зарур мебошад. Омӯзиш ва таҳқиқи истилоҳоти интернетӣ шавқи муҳаққиқонро рӯз аз рӯз меафзояд. Падидаи ҷаҳонишавии ҷомеа ва ворид гардидани истилоҳоти интернетӣ ба ҳаёти рӯзмарра, ҳам ба мутахассисони соҳаву ҳам ба корбарони техника таъсир гузоштааст. Умуман, тамоми касбу фаъолияти муосири инсонро бе шабакаи интернет тасаввур кардан ғайриимкон мебошад. Интернет дар доираи илму техника барои муносибати одамон дар ҷодаи фарҳанг, тамаддун, сиёсат, иқтисодиёт ва умуман, барои муоширати озод доштан мусоидат мекунад.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бахусус, забонҳои англисӣ ва русӣ як қатор барнома ва стратегияҳо ба нақша гирифта шудаат ва забони асосии интернет забони англисӣ ба шумор меравад. Тамоми сленг ва вижагиҳои касбиву соҳавии интернет бо забони англисӣ ифода меёбанд. Дар замони муосир зарурат пайдо гардид, ки тамоми истилоҳоти интернетӣ аз рӯйи хусусияти пайдоиш, сохтор ва маъно омӯхта шуда, марбут ба ин соҳа фарҳангҳо нашр шаванд. Мутаассифона, то ҳол фарҳанги истилоҳоти интернетии англисӣ-тоҷикӣ дар шакли мукаммал вуҷуд надорад. Оид ба истилоҳоти компютерӣ фарҳангҳои хурде аз ҷониби забоншиносони тоҷик Т. Шарипов, З. М. Мусоямов ва П. Нуров ба табъ расидаанд, вале фарҳангҳои мазкур ниёзҳои ин самтро бароварда наметавонанд. Аз ин лиҳоз, муҳиммияти таҳқиқоти истилоҳоти интернетӣ ва боз ҳам мукаммалтар омӯхтани онҳо дучанд зиёд мегардад.

Дар робита бо мавзуи таҳқиқоти мазкур таъкид кардан мумкин аст, ки диққати забоншиносони тоҷик низ ба истилоҳоти технологияи иттилоотӣ ва истилоҳоти компютерӣ дар солҳои охир бештар гаштааст.

Ҳадафи асосии пажуҳиши мазкур муайян кардани таърих ва ташаккули низоми истилоҳоти интернетӣ дар муқоиса бо маводи забонҳои тоҷикиву англисӣ, ҳамзамон, омӯхтани заминаҳои назарии забоншиносии истилоҳоти интернетӣ ба шумор меравад. Инчунин, дар раванди таҳқиқ таснифи мавзуии истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди корбурди махсус қарор дода шудааст. Дар асоси ҳадафи таҳқиқ вазифаҳои зерин мушаххас гардида, аз тарафи унвонҷӯй ба таври амиқу мушаххас ҳалли худро ёфтаанд:

- муайян намудани ҷанбаҳои назарии забоншиносии интернетӣ;
- баррасӣ ва таҳқиқ намудани роҳҳои ташаккули истилоҳоти интернетӣ ва ба марҳилаҳо тақсим кардани онҳо;

- таснифоти мавзуъҳо ва категорияҳои соҳавии стилоҳоти интернетӣ дар асоси мисолҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ;

- муайян кардани хусусиятҳои сохтории истилоҳоти интернетӣ;

- таснифи ихтисораҳои истилоҳоти интернетӣ мувофиқ ба шаклу аломатҳои маъноӣ ва сохторӣ;

- омӯхтани хусусиятҳои гуногуни маъноии истилоҳоти интернетӣ;

- пайдо намудани омилҳои сермаъноии истилоҳоти интернетӣ;

- муайян кардани фарқияти омонимияи истилоҳоти интернетӣ ва воҳидҳои луғавии муқаррарӣ;

- гурӯҳбандии маъноҳои антонимии истилоҳоти интернетӣ;

- синонимҳо ва сабабҳои пайдоиши онҳо дар системаи истилоҳот ва таснифи синонимҳои истилоҳоти интернетӣ.

Ҳамзамон маҷмуи истилоҳоти хоси риштаи интернет ва гурӯҳу гунаҳои он бо назардошти сохтор ва қолабҳои гуногун дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, бо назардошти умумият, фарқият дар доираи истифода, тарҷума, ҳамгунӣ ва мувофиқату номувофиқатии онҳо ҳамчун воҳидҳои махсуси забон, дар доираи қонунияти мушаххаси муошарат ва мухобирот амал мекунанд.

Таъкиди ин масъала низ бамаврид аст, ки вижагиҳои маъноиву сохторӣ, қонуниятҳои ташаккул, низому тартиб, роҳҳои таснифоту гурӯҳбандии истилоҳоти соҳаи интернетӣ, аломатҳои забонии истилоҳоти мазкур ва ҳамчунин, вижагиҳои умумӣ ва фарқияти онҳо дар забонҳои мавриди назар, чун хусусиятҳои муқоисавию таърихӣ ва типологии ин гурӯҳи воҳидҳои махсуси забон муаррифӣ мешаванд.

Ҷанбаи нотакрориву нудрат ва навгонии илмии таҳқиқ дар он асос меёбад, ки дар таҳқиқи мазкур аввалин маротиба ҷанбаҳои сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ ва баррасии ҳаматарафа қарор гирифта, чанде аз вижагиҳои сохтор ва маънои онҳо мушаххас гардидааст. Навгонии мавзуи таҳқиқ дар он таҷассум мегардад, ки диссертатсияи мазкур аввалин маротиба сабабҳои таҳаввулоти маънои истилоҳоти интернетиро муайян карда, инчунин, бо мисолҳо ҳолатҳои метонимия, метафора ва синекдохаро дар ин низом асоснок мекунад. Ҳамзамон, роҳҳои риоя ва ҳифзи маънои устувори истилоҳоти мазкур дар диссертатсия мушаххас карда шудаанд. Вижагиҳои дигари маъноӣ, ба монанди омонимия, синонимия ва маҷоз падидаҳои ғайриимкони истилоҳот ба шумор рафта, дар диссертатсияи мазкур бори

аввал тағйироти маънои истилоҳоти интернетӣ омӯхта, бо далелҳо мавриди таҳлилу баррасӣ ва хулосабарориҳои илмӣ қарор дода шудаанд. Ба гурӯҳҳо тақсим намудани истилоҳоти интернетӣ аз ҷиҳати сохтор ва бо роҳҳои гуногун таҳлил ва муқоиса кардани онҳо дар ду забон навгонии таҳқиқотро нишон медиҳад. Дар диссертатсия, бори аввал истилоҳоти интернетӣ ба категорияҳои касбиву соҳавӣ ва мавзуиву маъноӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ тасниф карда шудаанд.

Саҳми шахсии довталаби зимни таҳқиқоти мазкур ба таври бебаҳс дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст истилоҳоти интернетӣ бо таснифоти мавзуӣ аз ҷиҳати сохтор ва маъно дар ду забон ба риштаи пажуҳиш кашида шудааст. Дар ин замина, бояд қайд намуд, ки рамзу аломатҳои интернетӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ хеле зиёд ба назар расида, аввалин маротиба аз ҷиҳати ихтисоршавӣ зимни истифода тасниф ёфта, муодилҳои тарҷумавии онҳо ба забони тоҷикӣ муайян ва мувофиқа карда шудаанд. Аз ҷиҳати таҳлили маъноӣ, аввалин маротиба сабабҳои пайдоиши ҳолатҳои сермаъноӣ, синонимҳо, антонимҳо, омонимҳо ва маҷоз дар низоми истилоҳоти интернетӣ муайян ва ба таври амиқу густурда таҳлилу баррасӣ гардидааст. Тамоми истилоҳот дар асоси фарҳангҳою луғатҳои дузабона ва тафсирӣ, аз ҷумла, фарҳангҳои этимологӣ, энсиклопедӣ, забоншиносӣ, фарҳангҳои истилоҳоти интернетӣ ва амсоли инҳо муқоиса карда шуда, ҳамгунӣ ва фарқияти ҷудогонаи онҳо нишон дода шудааст.

Бо ҳамин тартиб, диссертатсия аз муқаддима, се боб, зербобҳо ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, мақсад ва вазифа, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, объект ва предмет, навгонӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот, саҳми шахсии муаллиф муайян карда шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия, ки аз чор фасл иборат аст, ҷанбаҳои назариявии истилоҳот ва лексикаи соҳавӣ дар забоншиносии муосир мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Ҳамзамон, дар ин боби диссертатсия таърих ва ташаккули низоми истилоҳот, заминаҳои назариявии забоншиносии интернетӣ ва таснифоти мавзуии истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои мавриди назар мавриди баррасии амиқу дақиқ қарор дода шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсияи мавриди тақриз, ки аз чор фасл ва чор зерфасл ташкил ёфтааст, роҳҳои ташаккулёбии истилоҳоти интернетӣ ва хусусиятҳои сохтории онҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ матраҳ

гардидааст. Дар боби мазкур намудҳои истилоҳоти интернетӣ аз ҷиҳати сохтор муайян карда шудааст.

Боби сеюми диссертатсия "Хусусиятҳои маънoии истилоҳоти интернетӣ" номгузорӣ карда шуда, фарогири панҷ фасл аст ва дар он хусусиятҳои семантикию грамматикии истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои тоҷикию англисӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада дарҷ гардидаанд.

Бояд тазаккур дод, ки ҷанбаи илмию амалии диссертатсия мукаммал буда, муаллиф барои таълифи он аз осори таҳқиқии муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ хуб истифода бурдааст. Диссертатсия аз лиҳози илмӣ асоснок буда, таҳлилҳо муназзам ба дуруст ба роҳ монда шудаанд.

Фишурдаи диссертатсия мазмуну муҳтавои онро ифода карда, аз рӯйи мавзуи таҳқиқ унвонҷӯ масъалаҳо ва хулосаҳои бадастомадаро дар 6 мақола инъикос намудааст, ки 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и ФР нашр шудаанд.

Дар баробари арзиши баланди илмиву назариявӣ доштани диссертатсияи тақризшаванда дар баъзе саҳифаҳои он камбудиҳои техникӣ, услубӣ, грамматикӣ ва имлоиро мушоҳида кардан мумкин аст, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам боло бурдани арзиши илмии диссертатсия мусоидат менамоянд:

1. Дар дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ пажуҳишҳои олимони соҳа дар ин самт оварда шудаанд, вале хусусятҳои фарккунандаи онҳо аз мавзуи мазкур нишон дода нашудааст (саҳ. 5-7).
2. Агар фасли 1.2.-и боби якуми диссертатсия дар такя ба ақидаҳои мутахассисони соҳа оид ба "истилоҳоти интернетӣ" натиҷагирӣ карда мешуд, арзиши илмии диссертатсияро баланд мебардошт, чунки дар ин фасл бештар мафҳуми истилоҳ инъикос ёфтааст.
3. Беҳтар мебуд, пас аз ақида ва баҳсҳои муҳаққиқони соҳа андешаи худи муаллиф низ пешниҳод карда мешуд (саҳ. 16, 17, 20, 23).
4. Агар натиҷаҳои бадастомада ба таври мушаххас бо андешаи худи муаллифи диссертатсия дар қисмати охири ҳар як бобу зербоб нишон дода мешуданд, ба арзиши илмии диссертатсия таъсири мусбат мерасониданд.
5. Баъзе иктибосҳои дар диссертатсия овардашуда бо сабабҳои техникӣ ба рӯйхати адабиёт мувофиқат намекунанд.

6. Дар диссертатсия камбудиҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ ба чашм мерасанд (саҳ. 8, 19, 28, 32, 50, 96, 118).

Камбудиҳои дар диссертатсия мавҷудбуда арзиши илмии таҳқиқро коста намегардонанд ва онҳо ислоҳшаванда буда, барои минбаъд тавсия карда мешаванд.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Шайдуллои Ҳоҷӣ дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ (дар асоси маводи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи забоншиносии муқоисавӣ
ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода — Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна

Суроға: 734019, ш. Душанбе,
к. Муҳаммадиев 48/2
Суроғаи электронӣ: havas3001@mail.ru
Тел: (+992) 93-700-04-37; (+992) 882 89 1717

Имзои Ҳ.Т. Соҳибназароваро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода — Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

06.09.2023с.